**ТАҚРИЗИ**

муқарризи расмӣ ба рисолаи илмии Мирзозода Акрам Рустам дар мавзуи «Ташаккули ҳисси ватандӯстии насли наврас бо истифода аз имконоти тарбиявии муассисаҳои фарҳангӣ-маърифатӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ). - шаҳри Душанбе, 2026 с. 195 с.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ**

Мавзуъ, мундариҷа ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмии 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ), аз ҷумла: банди 1 - «Методологияи таҳқиқи фаъолияти иҷтимоӣ-педагогӣ, моҳият, сохтор, вазифа, принсипҳои онҳо; моделсозии равандҳои иҷтимоӣ-педагогӣ дар муассисаҳои таълимӣ»; банди 4 - «Сифати ташкили чорабиниҳои иҷтимоӣ-педагогӣ» (технология ва усули баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию педагогӣ; меъёрҳо, нишондиҳандаҳои баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию педагогӣ) мувофиқ мебошад.

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқотӣ**

Масъалаи инкишоф ва такомули тарбияи ватандӯстии насли наврас дар шароити ҷаҳонишавӣ дар заминаи педагогикаи миллӣ айни ҳол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти муҳим касб менамояд. Дар раванди ҳаллу фасли ин масъала, махсусан ташаккули тарбияи ватандӯстии насли наврас бояд осори пурғановати педагогону олимони муосирро низ пурсамар истифода барем, зеро адабиёт ҳамеша инъикосгари ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии халқ будааст.

Маҳз дар педагогикаи миллӣ оид ба тарбият, таълим, фарҳанг ва ахлоқ фикру ақидаҳои баланду арзишманд ифода ёфтаанд. Бузургтарин мутаффакирони давраҳои гуногуни таърихӣ дар маркази асарҳои безаволи худ проблемаи тарбият ва таълими насли навро ба миён гузоштаанд.

Ба ин маънӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаи тарбияи солиму комил гирифтани наслҳои наврас ва хусусан, дар рӯҳияи хештаншиносию худогоҳии миллӣ тарбия дидани онҳо таваҷҷуҳ зоҳир намуда, тарбияи мазкурро, ки хоси наврасону ҷавонони

кишвар мебошад, дар ҷои аввал гузоштаанд ва чунин таъкид менамоянд: «Имрӯз фурсате расидааст, ки миллати бофарҳанг, давлати соҳибистиқлол ва мамлакати соҳибтамаддуну пешрафта будани Тоҷикистонро ба аҳли олам нишон диҳем, ба қадри Ватану ватандорӣ, ба қадри истиқлолияту давлатдории миллӣ ва муҳимтарин рамзҳои он - Нишону Парчами давлатӣ, Суруди миллӣ, Артиши миллӣ, Пули миллӣ ва Шиносномаи миллӣ бирасем ва аз он ифтихор намоем".

Вобаста ба фикрҳои баёншуда, мавзуи интихобнамудаи Мирзозода Акрам Рустам дар мавзуи «Ташаккули ҳисси ватандӯстии насли наврас бо истифода аз имконоти тарбиявии муассисаҳои фарҳангӣ-маърифатӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ» мубрам буда, ба таълиму тарбияи самараноки хонандагон, шавқу рағбати онҳо ба осори панду ҳикматии мутафаккирони классику муосир зиёд мегардонад ва ҳисси ватандӯстию ифтихори миллӣ ва меҳру муҳаббати онҳоро ба ватани аҷдодӣ, эҳтиром ва ҳимояи марзу буми он меафзояд.

Мақсади таҳқиқотро тасдиқи озмоишии мутобиқати шароитҳои педагогии аз ҷиҳати назариявӣ асосёфта, ки барои воқеисозии бомуваффақияти раанди тарбияи ватандӯстии насли наврас дар муассисаҳои фарҳангию маърифатӣ ташкил медиҳад.

Ба масъалаи ташаккули ғояҳои тарбияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар китобҳои дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, коллеҷу донишгоҳҳои педагогӣ дастуру тавсияҳои методии муҳаққиқони тоҷик М. Лутфуллозода, Х. Раҳимзода, Л. М. Иматова, Х. Буйдоқов, Ф. Шарифзода, И. Х. Каримова, Ф. Гулмадов, М. В. Саидов, Э. Ҷонмирзоев, А. Ҳамроқулов, С. Холназаров, Д. Шарипова, Н. С. Собирова, Р. Ҳ. Неъматов, С. Раҳмоналӣ ва дигарон рӯ оварда, паҳлуҳои гуногуни гояҳои тарбияи ватандӯстиро дар таҳқиқотҳояшон инъикос намудаанд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгониҳои илмии таҳқиқот пеш аз ҳама дар таҳия ва татбиқи "Амсилаи тарбияи ватандӯстии насли наврас дар муҳити рушдёбандаи муассисаҳои фарҳангиву маърифатӣ" иборат мебошад, ки ҷанбаҳои зеринро дарбар мегирад:

- Дар рафти таҳқиқот кӯшиш карда шуд, ки моҳияти падидаи воқеисозии раванди тарбияи ватандӯстии наврасон ҳамчун ҳамкории педагогии мураббӣ (педагог) ва шогирди ӯ ошкор гардад.

- Дар тарбияи ватандӯстии насли наврас неруи тарбиявӣ, таълимӣ ва рушддиҳандаи муассисаҳои фарҳангию маърифатӣ ошкор гардида, дар муҳити муассисаҳои фарҳангӣ мазмуни нав касб менамояд ва ба

омӯзгор имкон медиҳад, ки барои ҷалби хонандагон ба амалҳои ватандӯстӣ шаклу усулҳои инноватсиониро истифода барад, ин фаъолиятҳоро тавре ба роҳ монад, ки насли наврасу ҷавон бо иҷрои нақшҳои асосӣ (бо назардошти хусусиятҳои психофизиологии синусоли наврасӣ) дар раванди ташкил ва гузаронидани чорабиниҳо ва рӯйдодҳо барои худтатбиққкунӣ ва худшиносӣ имконият пайдо кунанд.

- Амсилаи муаллифии педагогии тарбияи ватандӯстии насли наврас дар муҳити рушдёбандаи муассисаҳои фарҳангиву маърифатӣ коркард шуда, он аз ҷузъҳое иборат мебошад, ки ба мақсад ва вазифаҳои озмоиши педагогӣ мувофиқат мекунанд ва инчунин имкон медиҳанд натиҷаҳои таҳқиқоти педагогӣ ба таври эътимодбахш дар асоси меъёрҳои муайяни илмӣ арзёбӣ карда шаванд.

- Ҳаҷми зиёди шароитҳои педагогии дар адабиёти махсус тавсифшуда муайян карда шуда, мавриди таҳқиқ ва санҷиш қарор дода шуданд ва он шароитҳое барои татбиқ интихоб гардиданд, ки ба самранокии бештари воқеисозии раванди тарбияи ватандӯстии наврасон дар муассисаҳои фарҳангиву маърифатӣ мусоидат мекунад.

Аз таҳлили адабиёти илмию методӣ бармеояд, ки мақсади таҳқиқотро муҳаққиқ дар муайян кардани ғояҳои ватандӯстии насли наврас гузошта, муҳити таълиму тарбия ва шароитҳои педагогии тарбияи хонандагонро дар рӯҳияи ватандӯстӣ бо истифода аз имконоти тарбиявии муассисаҳои фарҳангӣ-маърифатӣ мавриди омӯзишу таҳлил қарор додааст.

Унвонҷӯй ба он муваффақ шудааст, ки тавассути таҳлили назариявӣ ва амалии масъалаи ташаккули тарбияи ватандӯстӣ меъёрҳои асосӣ ва нишондиҳандаҳои ташаккули ҳисси ватандӯстиро дар хонандагон равшан ва аниқ баён намояд.

**Нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд:**

- Воқеисозӣ ҷузъи таркибӣ ва шарти асосии раванди ташаккули шахсияти наврасон буда, бо таъсири шахсияти омӯзгор, ки дар бораи маҷмуи ғояҳо, мафҳумҳо ва истилоҳоти марбут ба ватандӯстӣ ҳамчун арзиши миллӣ ба шогирд ақидаҳои худро расонида, тавассути дарк ва азхудкунии иттилооти дар сатҳи маърифатӣ ва эҳсосӣ гирифтаи наврасон ба вуҷуд меояд.

- Воқеисозии раванди тарбияи ватандӯстии насли наврасу ҷавон дар муҳити инкишофи муассисаҳои фарҳангӣ ва маърифатӣ дар шакли ҳамкории субъекту субъектии омӯзгоре амалӣ мегардад, ки ба фаъолияти наврасон ва хонандагоне, ки дар марҳилаи ташаккулёбии

«симои Ман» қарор доранд, ба рафти ташаккули муносибати арзишманд ба ҷузъҳои ватандӯстӣ, ки ҳамчун аксуламали инфиродӣ ба таъсири педагогӣ ба вуҷуд меояд, роҳнамоӣ мекунад.

- Неруи муассисаҳои фарҳангиву маърифатӣ ҳамчун фазои таҳсилоти ривоҷёбанда аз ҷиҳати мусоидат ба воқеисозии раванди тарбияи ватандӯстии наврасон тавассути огоҳӣ ва муайян намудани уфуқҳои берунӣ ва ботинии он ошкор мегардад.

- Амсилаи педагогии пешниҳодшудаи тарбияи ватандӯстии насли наврас дар муассисаҳои фарҳангию маърифатӣ аз якчанд унсурҳои консептуалӣ - бахшҳои сохтории муҳтавоӣ иборат аст, ки ҳар кадоми онҳо ба ҳалли як доираи мушаххаси масъалаҳо нигаронида шудааст.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта** дар партави истифода аз пойгоҳи методологӣ ва назариявии пажӯҳиш такя ба маҷмуи усулҳои назариявӣ ва таҷрибавии таҳқиқот, ки ба мавзуъ ва ҳадафҳои пажӯҳиш созгор ва мувофиқ аст; таҳлили шароит ва натиҷаҳои фаъолияти таҷрибавӣ-озмоишӣ; тасдиқи пешбиниву андешаҳое, ки дар фарзия ва ғояи пешбарандаи диссертатсия ба миён гузошта шудааст; баргузории корҳои озмоишӣ; таҷрибаи амалии фаъолияти касбӣ ва педагогии муаллифи рисолаи илмӣ таҷассум меёбад.

Таркиб ва сохтори рисола аз мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, манбаъ ва ҳадафи пажӯҳиш, фарзия ва марҳилаҳо, асоси назарӣ ва амалию усулу роҳҳои таҳқиқ собит месозанд, ки то кадом андоза мавзуи таҳқиқшаванда ҳаллу фасл гардидаст. Пойгоҳҳои таҳқиқот, ки диссертант бевосита озмоиш гузаронидаанд аз он шаҳодат медиҳанд, ки рисола дар заминаи таҷриба ва собиқаи корӣ ба миён омадааст. Ин албатта, дастоварди хуби диссертант аст.

Дастовардҳои таҳқиқот бо такя ба методологияи илмӣ, манбаъҳои гуногуни иттилооти методӣ, педагогӣ, психологӣ, таҳлилу таърифи бисёрсатҳаи мафҳумҳои асосӣ, истифодаи мақсадноки методҳои ҳамдигарро мукаммалкунандаи таҳқиқотӣ, таҷрибаи шахсии худи муаллиф ҳамчун омӯзгор, ки ба ҳадаф, предмет, вазифа ва мантиқи таҳқиқот мувофиқанд, таъмин карда шуданд.

**Саҳми шахсии унвонҷӯ** дар таҳлили ҳамаҷонибаи масъала; дар омӯзиши дурусти таҳқиқоти назариявӣ ва озмоишӣ, таҳлили миқдорӣ ва сифатии маводу натиҷаҳои дар ҷараёни корҳои озмоишӣ бадастомада; дар истифодаи маҷмуи усулҳо вобаста ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот; дар ташкил ва баргузор кардани таҳқиқоти озмоишӣ, тасдиқи амалии муқарраротӣ кори илмӣ дар раванди озмоиш, таҳлили натиҷаҳо

ва коркарди маълумот, дар таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада ва дар коркарди таҳқиқоти диссертатсионӣ зуҳур меёбад.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Мазмун, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ба талаботи муқарраршуда ҷавобгӯ буда, қисматҳои он бо риояи пайдарпайии мантиқӣ таҳия гардидаанд. Диссертатсия дар ҳаҷми 195 саҳифаи матни компютерӣ аз муқаддима, 3 боб ва хулоса, феҳрасти адабиёт иборат буда, 13 расму диаграмма ва 9 ҷадвалро дар бар гирифтааст. Феҳристи адабиёт фарогири 178 номгӯй мебошад.

**Дар муқаддима** оид ба зарурати таҳқиқи масъала, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, асосҳои назариявию методологӣ ва сарчашмаи маълумот, навгониҳо ва аҳмияти назариявию амалии таҳқиқот, фарзия ва нуктаҳои ба дифоъ пешниҳодшаванда, истифодаи заминаҳои эмперикӣ маълумот дода шудааст.

**Дар боби якуми диссертатсия «Асосҳои назарияии тарбияи ватандустии насли наврас дар муассисаҳои фарҳангиву маърифатӣ»** муаллиф натиҷаи таҳлили корҳои таҳқиқотие, ки дар онҳо рушди муносибати ватандӯстӣ ҳамчун ҳиссиёти иҷтимоӣ, арзиши шахсӣ нишон дода шудааст, дар соатҳои беруназсинфӣ ҳамчун имконияти истифодаи миқдори зиёди шаклҳои гуногуни ҳамкории педагогӣ, баланд бардоштани самаранокии воқеисозӣ, бо назардошти амалисозии шароитҳои педагогии мувофиқ баррасӣ намудааст.

Ба адешаи муаллифи рисола ташаккул додани тарбияи ватандӯстӣ ба яке аз самтҳои афзалиятноки низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ менамояд, ки ба сифати ҷараён бо назардошти хусусиятҳои синну соли категорияҳои гуногуни мактаббачагон аҳамияти ҳаматарафа дода шавад. Дар самти кор бо наврасон ба вижагиҳои ин davари ташаккули шахсият, ки барои он интиқоли таваҷҷуҳ аз хешовандони калонсол ба ҳамсолон ҳам ба хотири дарёфти шаклҳои рафтор ва ҳам ба хотири иҷтимоишавии бомуваффақият хос аст, такя карда мешавад.

Муҳаққиқ ба хулосае омадааст, ки вазифаи муҳимтарини раванди таълиму тарбия ташаккули шахсияти насли наврас мебошад, ки он тавассути муносибати ӯ ба олами атроф ва дарки мавқеи ӯ дар он зуҳур меёбад. Дар робита ба тарбияи ватандӯстӣ ин маънои ба хонандагон додани системаи арзишҳоеро дорад, ки ба ташаккули худшиносии шаҳрвандӣ ва мавқеи шаҳрвандӣ мусоидат менамояд, ба наврасон имкон медиҳад, ки ба чолишҳои беруна баҳо дода, ба онҳо вокуниши муносиб диҳанд.

**Дар боби дуюми диссертатсия «Ташаккули ҳисси ватандӯстии насли наврас бо истифода аз шароит ва имконоти тарбиявии муассисаҳои фарҳангӣ-маърифатӣ»** масъалаи имконоту шароитҳои педагогии воқеисозии раванди тарбияи ватандӯстии насли наврас дар муассисаҳои фарҳангиву маърифатӣ, сатҳи ташаккулёфтагии эҳсоси ватандӯстии насли наврас баррасӣ гардидааст.

Дар боби мазкур амсилаи педагогии тарбияи ватандӯстии наврасон дар фазои рушди муассисаҳои фарҳангию маърифатӣ таҳия ва пешниҳод карда шудааст.

Амсилаи педагогии тарбияи ватандӯстии наврасон дар фазои рушди муассисаҳои фарҳангию маърифатии ҷониби муаалиф коркард ва пешниҳодшуда, аз рӯи се самт сохторбандӣ шудааст:

- Бахши консептуалӣ ва мақсаднокӣ хулосаҳои асосии муаллифро оид ба мақсад ва параметрҳои раванди тарбияи ватандӯстии насли наврас пешниҳод намуда, барои интихоби усул ва принсипҳои ташкили он асоснок карда шудааст.

- Бахши ташкилию муҳтавоӣ ақидаҳои моро дар бораи иқтидори таълимию тарбиявии муассисаҳои фарҳангӣ-маърифатӣ муттаҳид сохта, барои қонеъ гардонидани ҳам талаботи наврасон барои ба даст овардани ҳаҷми кофии донишҳои ватандӯстӣ, ки ба ташаккули ҷузъи маърифатии ватандӯстӣ мусоидат мекунад.

- Бахши меъёрӣ-натиҷавӣ арзёбии ташаккули ҷузъҳои асосии ватандӯстӣ дар наврасону ҷавонон – иштирокчиёни гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ дар марҳилаҳои муайянкунӣ ва назоратии таҷрибаи педагогӣ бо истифода аз усулҳои аз ҷиҳати илмӣ исботшудаи пурсиш (аз ҷумла суҳбатҳои шифоҳӣ – тестӣ), усулҳои қайди зуҳуроти алоҳидаи шахсияти кудак (мушоҳидҳо) ва ғайраро дар бар мегирад.

Муаллиф дар ҷараёни корҳои озмоишӣ сатҳи инкишофи ҷузъи маърифатӣ дар асоси аз тарафи хонандагон азхуд кардани маҷмуи муайяни донишҳо, ки барои ташаккули ҳисси ватандӯстӣ замина мегардад, арзёбӣ намудааст.

**Дар боби сеюми диссертатсия «Корҳои тачрибавӣ-озмоишӣ оид ба воқеисозии раванди тарбияи ватандӯстии насли наврас дар муассисаҳои фарҳангиву маърифатӣ»** раванди татбиқи амсилаи педагогӣ муфассал тавсиф шуда, исботи далели самаранокии он дар асоси таҳлили натиҷаҳои кор бо наврасони шомили гурӯҳи озмоишӣ бо истифода аз воситаҳои ташхиси аз ҷиҳати илмӣ асосноккардашуда манзур шудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шакли хулосаи бобҳо, хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳои методӣ коркард ва пешниҳод шудаанд, ки аз ҷониби муаллифи диссертатсия таҳқиқоти дорои арзиши баланди илмиву амалӣ мураттаб шудааст ва истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот дар амалияи таълим бешак ба ташаккули тарбияи ватандӯстии насли наврас дар муассисаҳои фарҳангиву маърифатӣ мусоидат хоҳад кард. Маводи таҳқиқот метавонад ба мутахассисони соҳаи педагогика, равоншиносон, омӯзгорон ва устодони муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии равияи омӯзгорӣ ва такмили ихтисос, инчунин, ба донишҷӯён - омӯзгорониояндаи муассисаҳои фарҳангӣ-маърифатӣ ва таҳсилоти миёнаи умумӣ ба сифати маводи ёрирасон оид ба ташкили раванди тарбияи ҳисси ватандӯстӣ кумак кунад.

**Хулосаҳои диссертант** дар он таъкид менамояд, ки тарбияи насли наврас дар замони имрӯза яке аз масъалаҳои муҳим дар маорифи кишвар маҳсуб ёфта, муҳимияти масъалаи мазкур оид ба тарбияи ватандӯстии насли наврас диққати бештарро талаб мекунад.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия** дар он аст, ки оид ба тарбияи ватандӯстӣ дар муассисаҳои фарҳангиву маърифатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз имконоти тарбиявӣ аввалин таҳқиқоти алоҳида маҳсуб меёбад. Муаллиф дар таърихи педагогикаи тоҷик бори аввал ақидаҳои оид ба тарбияи ватандӯстӣ дар муассисаҳои фарҳангиву маърифатӣ бо истифода аз имконоти тарбиявиро таҳлил намуда, ба паҳлуҳои асосии онҳо ҷиддан диққат дода, мақолаю дастурҳои назариявию методӣ ба табъ расонида, барои дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ тарбия намудани насли наврас иқдом кардааст. Ҳамчунин, тавассути таҳлили назариявӣ ва амалии масъалаи ташаккули тарбияи ватандӯстӣ меъёрҳои асосӣ ва нишондиҳандаҳои ташаккули ҳисси ватандӯстӣ дар хонандагон равшан ва аниқ карда шудаст.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯи мавзуи диссертатсия.** Мазмун ва натиҷаҳои асосии таҳқиқоти унвонҷӯ Мирзозода Акрам Рустам дар 4 мақолаи муаллиф дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Вазорати маорифи Россия тавсияшаванда шомилбуда, 8 мақола дар маҷмуаи маводи конференсияҳо нашр шудаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.** Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ

мебошад. Автореферат бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ ба пуррагӣ мундариҷаи диссертатсияро инъикост намудааст. Дар мақолаҳои илмии муаллиф низ мухтавои диссертатсия инъикос ёфтааст.

**Эродҳо ба кори диссертатсионӣ.** Дар баробари дастовардҳои муҳими илмӣ диссертатсия ва автореферати он аз камбудиву норасоиҳо холӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили мазмуну мундариҷаи рисола муфид хоҳад буд. Аз ҷумла:

1. Муҳаққиқ мебояд, дар қисмати аввали рисола барномаи мукаммали кориро оид ба тарбияи ватандӯстӣ бо истифода аз имконоти тарбиявии муассисаҳои фарҳангӣ-маърифатӣ дар соатҳои тарбиявӣ, корҳои бернуазсинфӣ ва маҳфилҳои фаннӣ пешниҳод намуда, сипас ташхиси онро дар қисмати амалии кор, зимни таҳияи амсила бо синну соли хонандагон алоқаманд менамуд, ки дар ин маврид арзиши амалии тадқиқотро бештар мегардид.

2. Ба мақсад мувофиқ мебуд, ки ҳангоми таҳлили таҳқиқоти илмии олимон оид ба масъалаи мавриди назар зиёдтар аз таҳқиқоти олимони ватанӣ истифода бурда мешуд.

3. Дар рӯйхати адабиёти истифодашуда корҳои илмии олимону муҳаққиқоне оварда шудаанд, ки ба мазмуни рисола рабт надоранд.

4. Дар матни диссертатсия ва фишурдаи он қисме аз ҷумлаҳо ба таҳлили мантиқию услубӣ ниёз доранд. Инчунин хатогиҳои китобатию имлоӣ ба назар мерасанд.

Бояд қайд кард, ки камбудиҳои зикршуда арзиши комили илмӣ ва дастовардҳои назарраси диссертатсияи Мирзозода Акрам Рустам дар мавзуи «Ташаккули ҳисси ватандӯстии насли наврас бо истифода аз имконоти тарбиявии муассисаҳои фарҳангӣ-маърифатӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ» дар доираи мавзуи таҳқиқшуда халалдор намекунад.

Дар ҳаллу фасли вазифаи пешгузошташуда диссертант далелу маводҳои заруриро ба таври возеҳ ва васеъ истифода кардааст. Диссертант аз адабиёти илмии зарурӣ дар самти таҳқиқоти мазкур огоҳии комил ва ҳамаҷониба дорад.

## ХУЛОСА

Диссертатсияи Мирзозода Акрам Рустам дар мавзуи «Ташаккули ҳисси ватандӯстии насли наврас бо истифода аз имконоти тарбиявии муассисаҳои фарҳангӣ-маърифатӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ» кори ба итмомрасидаи илмӣ-таҳқиқотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона ва дар сатҳи хуби илмӣ иҷро карда шудааст.

Нуқтаҳои илмӣ, натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва хулосаҳои рисолаи

илмӣ дар мақолаҳо, аз он ҷумла дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки рӯйхати онҳо дар рисолаи илмӣ ва фишурдаи он дарҷ гардидаанд, интишор шудаанд.

Автореферат, дастур ва мақолаҳои нашрнамудаи диссертант мухтавои асосии рисолаи илмиро инъикос менамояд. Мазмуни таҳқиқоти диссертатсионӣ шиносномаи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ) пурра мувофиқат мекунад.

Рисолаи илмӣ ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо қарори ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Мирзозода Акрам Рустам сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, аз рӯйи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ) мебошад.

**Муқаррizи расмӣ:**
Доктори илмҳои педагогӣ, и.в. профессори
кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Давлатзода Ҷамила

20.05.2026 с.

Суроға: 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе,
ноҳияи Сино, кӯчаи Асадулло Ғуломов, бинои 64/1, ҳуҷраи 30.
Тел.: (+992) 907 95 0635
E-mail: jyuldosheva1@gmail.com

*Имзои Давлатзода Ҷамиларо тасдиқ мекунам.*

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шодихонзода Э.Ш.

Сурога: 734025. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони
Рӯдакӣ 17, E-mail: info@tnu.tj.

20.05.2026.